# كيفية صلاة النبي - صلى الله عليه وسلم -

# Равиши намози Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)

## Равиши намози Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)

Аллома Шайх Абдулазиз ибни Боз

## Равиши намози Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам)

Аллома Шайх

Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз

Ба номи Худованди Бахшандаи Меҳрубон

Ҳамду ситоиш барои Аллоҳи якто ва дуруду салом бар банда ва расулаш, Паёмбари мо Муҳаммад ва хонадону асҳобаш. Аммо баъд:

Ин чанд сухани мухтасар дар баёни сифати намози Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) аст, ки хостам онро ба ҳар марду зани мусалмон тақдим намоям, то ҳар касе, ки онро мутолиа мекунад, дар пайравӣ аз эшон кӯшиш намояд; зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

(صَلُّوا كَمَا رَأَيْتُمُونِي أُصَلِّي) .

(Намоз бихонед, ҳамчуноне, ки маро дидед намоз мехонам (Мисли ман намоз хонед))[1]. Тафсил ва баён:

1- Таҳоратро ба пуррагӣ анҷом додан, яъне ҳамон гуна, ки Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таъоло дар ин суханаш амр фармудааст, таҳорат намудан:

---

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (605).

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قُمۡتُمۡ إِلَى ٱلصَّلَوٰةِ فَٱغۡسِلُواْ وُجُوهَكُمۡ وَأَيۡدِيَكُمۡ إِلَى ٱلۡمَرَافِقِ وَٱمۡسَحُواْ بِرُءُوسِكُمۡ وَأَرۡجُلَكُمۡ إِلَى ٱلۡكَعۡبَيۡنِ...﴾.

(Эй касоне, ки имон овардаед чун ба [қасди] намоз бархостед, рӯйи худ ва дастҳоятонро то оринҷ бишӯед ва саратонро масҳ кунед ва пойҳоятонро то ду шитолинг [буҷулак бишӯед]...) (Сураи Моида, ояти 6). Оят.

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд:

(لا تُقْبَلُ صَلَاةٌ بِغَيْرِ طُهُورٍ) .

"Намоз бе таҳорат қабул намешавад"[1].

Дар ҷои дигар Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ба касе, ки намозашро хато гузорид, фармуданд:

(إِذَا قُمْتَ إِلَى الصَّلَاةِ، فَأَسْبِغِ الْوُضُوءَ).

(Ҳаргоҳ барои намоз бархостӣ, таҳоратро комил бигир)[2].

2- Намозгузор дар ҳар куҷое, ки бошад, бо ҳамаи баданаш ба сӯи қибла, ки Каъба аст, рӯй меоварад. Бо дилаш нияти намозеро мекунад, ки мехоҳад бихонад, хоҳ фарз бошад ё нофила. Ниятро бо забон талаффуз намекунад; зеро талаффузи ният бо забон машруъ нест, балки бидъат аст, чунки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва саҳобагонаш (разияллоҳу анҳум) ниятро талаффуз накардаанд. Агар имом ё

---

[1] Ривояти Муслим, рақами (224).
[2] Ривояти Бухорӣ, рақами (5782).

танҳогузор бошад, барои худ сутрае қарор медиҳад, ки ба сӯи он намоз бихонад. Рӯй овардан ба қибла шарти намоз аст, магар дар масъалаҳои истисноии маълуме, ки дар китобҳои аҳли илм баён шудааст.

3- Такбири таҳрима "Аллоҳу акбар" гуфта, нигоҳашро ба ҷои саҷдааш равона мекунад.

4- Дастонашро ҳангоми такбир гуфтан то баробари шонаҳо ё гӯшҳо мебардорад.

5- Дасти росташро бар кафи дасти чап, банди даст ва соид дар болои синаи худ мегузорад; зеро ин аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст.

6- Хондани дуои истифтоҳ суннат аст ва он чунин аст:

(اللَّهُمَّ بَاعِدْ بَيْنِي وبيْنَ خَطَايَايَ، كما بَاعَدْتَ بيْنَ المَشْرِقِ والمَغْرِبِ، اللَّهُمَّ نَقِّنِي مِنَ الخَطَايَا كما يُنَقَّى الثَّوْبُ الأبْيَضُ مِنَ الدَّنَسِ، اللَّهُمَّ اغْسِلْ خَطَايَايَ بالمَاءِ والثَّلْجِ والبَرَدِ).

(Аллоҳумма боъид байнӣ ва байна хатоёя, камо боъадта байнал-машриқи вал-мағриб, Аллоҳумма наққинӣ минал-хатоё, камо юнаққо ас-савбул-абязу минад-данас, Аллоҳумма иғсил хатоёя бил-мои вас-салҷи вал-барад) (4).Тарҷума: (Парвардигоро, миёни ману хатоҳоям фосила андоз, чуноне ки миёни машриқу мағриб фосила андохтаӣ. Парвардигоро, маро аз хатоҳо пок гардон, чуноне ки ҷомаи сафед аз чирк пок мешавад.

Парвардигоро, хатоҳоямро бо обу барфу жола бишӯй)[1].

Агар хоҳад, ба ҷои он инро мегӯяд:

(سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وبِحَمْدِكَ، وَتَبَارَكَ اسْمُكَ، وَتَعَالَى جَدُّكَ، ولَا إِلَهَ غَيْرُكَ) ،

(Субҳонака-ллоҳумма ва биҳамдика, ва таборака-смука ва таъоло ҷаддука, ва ло илоҳа ғайрука)[2], Агар дигар дуоҳои истифтоҳи собитшуда аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ро бихонад, боке нест ва беҳтар аст, ки гоҳ инро бигӯяд ва гоҳ дигариро; зеро ин дар пайравӣ комилтар аст. Сипас "Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим, Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим" мегӯяд ва сураи Фотиҳаро мехонад, ба далели ин фармудааш:

(لَا صَلَاةَ لِمَنْ لَمْ يَقْرَأْ بِفَاتِحَةِ الكِتَابِ) .

"Касе сураи Фотиҳаро нахонад, намоз нахондааст"[3]. Баъди он "Омин"-ро дар намозҳои ҷаҳрӣ бо овози баланд ва дар намозҳои сиррӣ паст мегӯяд, Сипас ҳар миқдоре, ки аз Қуръон барояш муяссар шавад, мехонад. Беҳтар он аст, ки баъди сураи Фотиҳа дар намозҳои Пешин, Аср ва Хуфтан аз сураҳои авсати муфассал, дар намози Бомдод аз тиволи (дароз) он ва дар намози Шом гоҳе аз тиволи он ва гоҳе аз қисори

---

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (744), Муслим, рақами (598).
[2] Ривояти Муслим, рақами (399).
[3] Ривояти Бухорӣ, рақами (756).

(кӯтоҳ) он бихонад, бинобар аҳодисе, ки дар ин маврид ворид шудааст.

7- Такбиргӯён рукуъ мекунад ва дастонашро баробари китфҳо ё гӯшҳояш мебардорад, сарашро баробари пушташ қарор медиҳад ва дастонашро бо ангуштони кушода болои зонуҳояш мегузорад. Дар рукуъ ором мегирад ва мегӯяд: "Субҳона раббиял-ъазим". Афзал он аст, ки онро се бор ё бештар такрор кунад ва мустаҳаб аст, ки ҳамроҳи он бигӯяд:

(سُبْحَانَكَ اللهُمَّ وَبِحَمْدِكَ، اللهُمَّ اغْفِرْ لِي) .

(Субҳонака-ллоҳумма ва биҳамдика, Аллоҳумма-ғфир-лӣ)[1].

8- Аз рукуъ бархоста, дастонашро баробари китфҳояш ё гӯшҳояш бардошта, мегӯяд: "Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ".Тарҷума: Аллоҳ шунид онкиро ҳамдаш гуфт. Агар имом бошад ё касе, ки танҳо намоз мехонад, дар ҳоли бархостанаш мегӯяд:

(رَبَّنَا ولَكَ الحَمْدُ حَمْدًا كَثِيرًا طَيِّبًا مُبَارَكًا فِيهِ مِلْءَ السَّمَواتِ ومِلْءَ الأرضِ، ومِلْءَ ما شِئتَ مِن شيءٍ بَعدُ) .

(Раббано ва лака-л-ҳамд, ҳамдан касиран таййибан муборакан фиҳи, милъас-самовоти ва милъа-л-арзи, ва милъа мо шиъта мин шайъин баъд)[2].

---

1 Ривояти Бухорӣ, рақами (817), Муслим, рақами (484).
2 Ривояти Бухорӣ, рақами (711), Муслим, рақами (598).

Аммо агар муқтадӣ бошад, пас ҳангоми бархостан мегӯяд: «Раббано ва лакал ҳамд» то охири он чӣ қаблан зикр шуд. Ва агар ҳар яке аз онҳо – яъне имом, муқтадӣ ва танҳогузор – илова кунад,

(أَهْلَ الثَّنَاءِ والْمجْدِ، أَحَقُّ مَا قَالَ العَبْدُ، وكُلُّنَا لَكَ عَبْدٌ: اللَّهُمَّ لَا مَانِعَ لِمَا أَعْطَيْتَ، ولَا مُعْطِيَ لِمَا مَنَعْتَ، ولَا يَنْفَعُ ذَا الجَدِّ مِنْكَ الجَدُّ) [9].

(Аҳла-с-санои валмаҷд, аҳаққу мо қола-л-абду ва куллуно лака абдун: Аллоҳумма ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу за-л-ҷадди минка-л-ҷадд) (9).Тарҷума: (Эй сазовори ҳамду ситоиш ва бузургворӣ, сазовортарин чизе, ки банда гуфт, ва ҳамаи мо бандаи Туем: Худоё, он чиро, ки Ту ато кардӣ, касе боздошта наметавонад ва он чиро, ки Ту манъ кардӣ, касе ато карда наметавонад ва сарватманду соҳибиқболро сарвату иқболаш дар назди Ту фоида намерасонад).[1] Он хуб аст, зеро аз ӯ собит аст.

Мустаҳаб аст, ки ҳар яки онҳо – яъне имом, маъмум ва танҳогузор – дастони худро болои синааш гузорад, чуноне ки дар қиёми пеш аз рукуъ анҷом медод, зеро ин кор аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси Воил ибни Ҳуҷр ва Саҳл ибни Саъд (разияллоҳу анҳумо) собит шудааст.

---

[1] Ривояти Муслим, рақами (477).

9- Такбир гуфта саҷда мекунад, агар барояш осон бошад, зонуҳояшро пеш аз дастҳояш мегузорад, ва агар мушкил бошад, дастҳояшро пеш аз зонуҳояш мегузорад. Ангуштони пойҳо ва дастҳояшро ба сӯи қибла мегирад ва ангуштони дастҳояшро ба ҳам часпонида, дароз нигоҳ медорад. Ва бар ҳафт аъзо саҷда мекунад: пешонӣ ҳамроҳ бо бинӣ, кафи дастҳо, зонуҳо ва нӯги ангуштони пойҳо. Ва "Субҳона раббиял-аъло" мегӯяд. Суннат аст, ки инро се бор ё бештар бигӯяд ва мустаҳаб аст, ки ҳамроҳи он инро низ бигӯяд:

(سُبْحانَكَ اللَّهُمَّ رَبَّنا وبِحَمْدِكَ، اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي)،

(Субҳонака-ллоҳумма Раббано ва биҳамдика, Аллоҳумма-ғфир лӣ) Бисёр дуо намояд, ба далели ин сухани Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки мефармояд:

(أَمَّا الرُّكُوعُ، فَعَظِّمُوا فِيهِ الرَّبَّ، وَأَمَّا السُّجُودُ، فَاجْتَهِدُوا فِي الدُّعَاءِ، فَقَمِنٌ أَنْ يُسْتَجَابَ لَكُمْ) [10].

(Аммо дар рукуъ, Парвардигорро ба бузургӣ ёд кунед ва аммо дар саҷда пас ба дуо бикӯшед, зеро сазовор аст, ки дуои шумо дар он мавриди пазириш қарор гирад) (10).[1]

Аз Парвардигораш хайри дунё ва охиратро талаб мекунад, Хоҳ намози фарз бошад ё нафл, бозуҳояшро аз паҳлуҳояш, шикамашро аз

[1] Ривояти Муслим, рақами (479).

ронҳояш ва ронҳояшро аз соқҳояш дур мекунад ва оринҷҳояшро аз замин мебардорад, ба далели ин фармудаи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам):

(اعْتَدِلُوا فِي السُّجُودِ، وَلَا يَبْسُطْ أَحَدُكُمْ ذِرَاعَيْهِ انْبِسَاطَ الْكَلْبِ) .

(Дар саҷда эътидолро риоя кунед ва ҳеҷ кадоми шумо оринҷҳои худро монанди саг паҳн накунад)[1].

10- Сарашро такбир гуфта боло мекунад ва бар пои чапаш мешинад ва пойи росташро рост мекунад ва дастонашро бар болои ронҳо ва зонуҳояш мегузорад ва мегӯяд:

(رَبِّ اغْفِرْ لِي وَارْحَمْنِي وَاهْدِنِي وَارْزُقْنِي وَعَافِنِي وَاجْبُرْنِي) .

(Раббӣ иғфир лӣ ва-рҳамнӣ ва-ҳдинӣ ва-рзуқнӣ ва ъофинӣ ва-ҷбурнӣ)[2].Тарҷума: (Парвардигоро, маро биёмурз ва ба ман раҳм кун ва маро ҳидоят кун ва ба ман рӯзӣ бидеҳ ва ба ман офият бидеҳ ва нуқсонҳоямро ҷуброн кун). Дар ин нишастан ором меёбад.

11. Бо гуфтани "Аллоҳу акбар" саҷдаи дуввумро анҷом медиҳад ва дар он ҳамон кореро мекунад, ки дар саҷдаи аввал карда буд.

12- Бо гуфтани такбир сарашро бардошта, монанди нишасти байни ду саҷда андаке

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (788), Муслим, рақами (493).

[2] Ривояти Тирмизӣ, рақами (284), Абудовуд рақами (850), Ибни Моҷа рақами (898).

менишинад, ки онро ҷалсаи истироҳат меноманд. Ин нишаст мустаҳаб аст ва агар онро тарк кунад, гуноҳе бар ӯ нест. Дар ин нишаст зикр ва дуое вуҷуд надорад. Сипас, барои ракъати дуввум мехезад. Агар барояш осон бошад, бо такя ба зонуҳояш бармехезад ва агар мушкил бошад, ба замин такя мекунад. Сипас, сураи "Фотиҳа" ва баъд аз он ҳар чӣ аз Қуръон барояш муяссар шавад, қироат мекунад. Сипас, монанди ракъати аввал амал мекунад.

13- Агар намоз ду ракаъатӣ бошад, монанди намози бомдод, Ҷумъа ва Идайн, баъд аз бардоштани сар аз саҷдаи дуввум, пои росташро қоим нигоҳ дошта, бар пои чапаш ба таври ифтирош менишинад. Дасти росташро бар рони росташ гузошта, ҳамаи ангуштонашро ба ҷуз ангушти ишорат (субоба) ҷамъ мекунад ва бо он ба тавҳид ишора менамояд. Агар ангушти хурд ва беноми дасти росташро ҷамъ карда, ангушти калонашро бо ангушти миёна ҳалқа созад ва бо ангушти ишорат ишора намояд, ин ҳам хуб аст; зеро ҳар ду сифат аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) собит шудааст. Ва афзал он аст, ки гоҳе инро ва гоҳе онро анҷом диҳад. Дасти чапашро бар рон ва зонуи чапаш мегузорад. Сипас дар ин нишаст ташаҳҳудро мехонад, ки он чунин аст:

(التَّحِيَّاتُ لله والصَّلَوَاتُ والطَّيِّبَاتُ، السَّلَامُ عَلَيْكَ أيُّها النبيُّ ورَحْمَةُ الله وبَرَكَاتُهُ، السَّلَامُ عَلَيْنَا وعلَى عِبَادِ الله الصَّالِحِينَ، أشْهَدُ أنْ لا إلَهَ إلَّا الله وأشْهَدُ أنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُهُ ورَسولُهُ)،

(Аттаҳиёту лиллоҳи вас-салавоту ват-тайибот. Ассалому ъалайка ай-юҳан-набӣ ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ. Ассалому ъалайно ва ъало ибодиллоҳис-солиҳин. Ашҳаду ал-ло илоҳа иллалоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу), Баъд аз он мегӯяд:

(اللَّهُمَّ صَلِّ علَى مُحَمَّدٍ وعلَى آلِ مُحَمَّدٍ، كما صَلَّيْتَ علَى إبْرَاهِيمَ وعلَى آلِ إبْرَاهِيمَ؛ إنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ، وَبَارِكْ علَى مُحَمَّدٍ وعلَى آلِ مُحَمَّدٍ، كما بَارَكْتَ علَى إبْرَاهِيمَ وعلَى آلِ إبْرَاهِيمَ؛ إنَّكَ حَمِيدٌ مَجِيدٌ) .

(Аллоҳумма саллӣ ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо саллайта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳим; Иннака ҳамидум-маҷид, ва борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо боракта ъало Иброҳима ва ъало оли Иброҳим; Иннака ҳамидум-маҷид)[1].

Аз чаҳор чиз ба Аллоҳ паноҳ бурда, мегӯяд:

( اللَّهُمَّ إنِّي أَعُوذُ بِكَ مِن عَذَابِ جَهَنَّمَ، وَمِنْ عَذَابِ القَبْرِ، وَمِنْ فِتْنَةِ المَحْيَا وَالْمَمَاتِ، وَمِنْ شَرِّ فِتْنَةِ المَسِيحِ الدَّجَّالِ) .

(Худоё, ман аз азоби дӯзах ва азоби қабр ва аз фитнаи зиндагӣ ва марг ва аз шарри фитнаи Даҷҷоли Масеҳ ба Ту паноҳ меҷӯям)[2].

Сипас ҳар ончи аз хайри дунё ва охират бихоҳад, дуо мекунад ва агар барои падару

---

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (797), Муслим, рақами (402).
[2] Ривояти бухорӣ, рақами (1311), Муслим, рақами (588).

модараш ё дигар мусалмонон дуо кунад, ишколе надорад - хоҳ намоз фарз бошад ё нофила -; ба далели умумии гуфтори Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси Ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу), вақте ки ба ӯ ташаҳҳудро таълим дод:

(ثُمَّ لِيَتَخَيَّرْ مِنَ الدُّعَاءِ بَعْدُ أَعْجَبَهُ إِلَيْهِ فَيَدْعُو) .

(Баъд аз он, ҳар дуое, ки барояш писанд аст, интихоб карда, дуо кунад)[1]. Ва дар лафзи дигар омадааст:

(ثُمَّ لِيَخْتَرْ مِنْ الْمَسْأَلَةِ مَا شَاءَ) [16].

(Сипас ҳар дуоеро, ки бихоҳад, интихоб кунад) (16).[2]

Ин дуоҳо ҳар ончи барои банда дар дунё ва охираташ нафъ дорад, дар бар мегирад. Сипас ба тарафи росту чапаш "Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳ, Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳ" гуфта салом медиҳад.

14- Агар намоз се ракаъата бошад, монанди намози шом, ё чаҳор ракаъата бошад, монанди намозҳои пешин, аср ва хуфтан, ташаҳҳуди дар боло зикршударо ҳамроҳ бо салавот бар Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) мехонад, сипас бо такя ба зонуҳояш бармехезад ва дастонашро то баробари китфҳояш ё гӯшҳояш боло бурда "Аллоҳу акбар" мегӯяд, ва онҳоро -

---

1 Ривояти Насоӣ, рақами (1298).
2 Ривояти Муслим, рақами (402).

яъне дастонашро - бар рӯи синааш мегузорад, чунончи дар боло зикр шуд, ва танҳо сураи Фотиҳаро мехонад. Агар дар ракаъати сеюм ва чаҳоруми намози пешин баъзан ба ғайр аз сураи Фотиҳа чизе илова кунад, боке нест, зеро далеле бар ин амр аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ҳадиси Абусаъид (разияллоҳу анҳу) собит шудааст. Агар баъд аз ташаҳҳуди аввал салавотро бар Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) тарк кунад, боке нест, зеро он дар ташаҳҳуди аввал мустаҳаб аст, на воҷиб. Сипас баъд аз ракаъати сеюми намози шом ва баъд аз ракаъати чаҳоруми намозҳои пешин, аср ва хуфтан ташаҳҳуд мехонад, чунончи дар мавриди намози ду ракаъата зикр шуд, сипас ба тарафи рост ва чапаш салом медиҳад, ва се бор аз Аллоҳ омурзиш металабад (Астағфируллоҳ мегӯяд), сипас мегӯяд:

(اللَّهُمَّ أَنْتَ السَّلَامُ وَمِنْكَ السَّلَامُ، تَبَارَكْتَ يا ذَا الجَلَالِ وَالإِكْرَامِ) .

(Аллоҳумма анта-с-салом ва минка-с-салом, таборакта ё за-л-ҷалоли ва-л-икром)[1]. Агар имом бошад, пеш аз он ки ба сӯи мардум рӯй гардонад, мегӯяд:

(لا إلَهَ إلَّا الله وحْدَهُ لا شَرِيكَ لَه، لَهُ المُلْكُ، ولَهُ الحَمْدُ، وَهوَ عَلَى كُلِّ شيءٍ قَدِيرٌ، لَا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إلَّا باللهِ، اللَّهُمَّ لَا مَانِعَ لِمَا أعْطَيْتَ، ولَا مُعْطِيَ لِمَا مَنَعْتَ، وَلَا يَنْفَعُ ذَا الجَدِّ مِنْكَ الجَدُّ، لَا إلَهَ إلَّا الله، وَلَا نَعْبُدُ إلَّا إيَّاهُ، لَهُ النِّعْمَةُ وَلَهُ الفَضْلُ، وَلَهُ الثَّنَاءُ الحَسَنُ، لَا إلَهَ إلَّا الله مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ وَلَو كَرِهَ الكَافِرُونَ) .

---

[1] Ривояти Муслим, рақами (591).

(Ло илоҳа илла- Аллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамд ва ҳува ъало кулли шайъин қадир, Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ, Аллоҳумма ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу за-л-ҷадди минка-л-ҷадд, ло илоҳа илла- Аллоҳ ва ло наъбуду илло ийёҳ, лаҳу-н-неъмату ва лаҳу-л-фазл ва лаҳу-с-саноулҳасан, ло илоҳа илла-Аллоҳ, мухлисина лаҳу-д-дина ва лав кариҳа-л-кофирун"[1].

Сию се бор тасбеҳи Аллоҳ мегӯяд (Субҳоналлоҳ) ва ҳамин қадар ҳамди Ӯро мегӯяд (Алҳамду лиллоҳ) ва ҳамин қадар такбири Ӯро мегӯяд (Аллоҳу акбар) ва барои пурра кардани сад мегӯяд: «Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул-мулку ва лаҳул-ҳамд ва ҳува ало кулли шайъин қадир». Баъд аз ҳар намоз Оятулкурсиро ва сураҳои «Қул ҳуваллоҳу аҳад», «Қул аъузу бираббил-фалақ» ва «Қул аъузу бираббин-нос»-ро мехонад. Мустаҳаб аст, ки ин се сураро баъд аз намози бомдод ва намози шом се маротиба такрор кунад, зеро дар ин бора ҳадисҳо аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст. Гуфтани ҳамаи ин зикрҳо суннат ҳастанд, на фарз.

[1] Ривояти Муслим, рақами (402)

Барои ҳар як мусалмони марду зан машрӯъ аст, ки пеш аз намози пешин чаҳор ракъат ва баъд аз он ду ракъат, ва баъд аз намози шом ду ракъат, ва баъд аз намози хуфтан ду ракъат, ва пеш аз намози бомдод ду ракъат намоз бихонад. Ҳамагӣ дувоздаҳ ракъат мешавад. Ин ракъатҳоро "суннатҳои ротиба" меноманд, зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) онҳоро дар ғайри сафар мунтазам мехонаданд. Аммо дар сафар, ба ҷуз аз суннати намози бомдод ва витр, дигарҳояшро тарк мекард, зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар сафар ва дар хона онҳоро мунтазам мехонд, ва беҳтар аст, ки ин намозҳои суннат ва витр дар хона хонда шаванд, аммо агар дар масҷид хонда шаванд, ҳеҷ боке нест; зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

(أَفْضَلُ صَلَاةِ المَرْءِ في بَيْتِهِ، إلَّا الصَّلَاةَ المَكْتُوبَةَ) .

"Беҳтарин намози шахс, ҷуз фариза, намозест, ки дар хонааш мегузорад"[1].

Муҳофизат бар ин ракъатҳо аз сабабҳои ворид шудан ба биҳишт аст, бинобар сухани Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки фармуданд:

(مَنْ صَلَّى اثْنَتَيْ عَشْرَةَ رَكْعَةً فِي يَومٍ وَلَيْلَةٍ، بُنِيَ لَه بِهِنَّ بَيْتٌ فِي الجَنَّةِ) .

[1] Ривояти Бухорӣ, рақами (6860).

(Касе дар як шабонарӯз дувоздаҳ ракаъат бихонад, барояш хонае дар биҳишт сохта мешавад)[1].

Агар пеш аз аср чаҳор ракъат, пеш аз намози мағриб ду ракъат ва пеш аз намози ишо ду ракъат намоз бигзорад, некӯст; зеро аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) он чӣ бар ин далолат мекунад, собит шудааст. Ва агар баъд аз зуҳр чаҳор ракъат ва пеш аз он чаҳор ракъат бигзорад, ин ҳам некӯст; зеро Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд:

(مَنْ حَافَظَ عَلَى أَرْبَعِ رَكَعَاتٍ قَبْلَ الظُّهْرِ، وَأَرْبَعٍ بَعْدَهَا حَرَّمَهُ اللَّهُ عَلَى النَّارِ) .

(Касе, ки бар чаҳор ракъати пеш аз (фарзи) пешин ва чаҳор ракъат баъд аз он пайвастагӣ ва мудовимат кунад, Худованд ӯро бар оташи дӯзах ҳаром месозад)[2]. Маъно он ин аст, ки бар суннати ротиба ду ракъат баъд аз зуҳр меафзояд. Зеро суннати ротиба чаҳор ракъат пеш аз он ва ду ракъат баъд аз он аст. Пас агар баъд аз он ду ракъати дигар биафзояд, он чизе, ки дар ҳадиси Умми Ҳабиба (разияллоҳу анҳо) зикр шудааст, ҳосил мешавад.

Худованд тавфиқдиҳанда аст, Дуруду саломи Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва бар аҳли байту асҳобаш ва

---

[1] Ривояти Муслим, рақами (728).

[2] Ривояти Аҳмад, рақами (25547), Тирмизӣ, рақами (393), Абудовуд, рақами ( 1077).

пайравонаш, ки то рӯзи қиёмат ба некӣ аз ӯ пайравӣ мекунанд, бод.

# Феҳраст

Равиши намози Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам).2
Равиши намози Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам).2

tg395v2.1 - 04/09/2026